«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Хушвахтзода Қ. Х.

________________________

«__4__» ______________ соли 2020

# ХУЛОСАИ

## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Суфиев Садриддин Насридинович дар мавзӯи «Ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри ХХ ибтидои асри ХХI)» дар кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Дар давраи таҳияи диссертатсия унвонҷӯ Суфиев С.Н. дар кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ ба ҳайси саромӯзгори кафедраи мазкур фаъолият намудааст.

Суфиев С.Н. соли 2007 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакиро аз рӯи ихтисоси - 02.07.00 муаллими таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳони номзадӣ аз санаи 18 августи соли 2020, тахти № 4034 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Нуриддинов Раймалӣ Шаҳбозович мебошад.

**Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаҳои зерин қабул гардиданд:**

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон дар арсаи илм, маориф, фарҳанг ва дигар самтҳои иҷтимоӣ бо дарназардошти равандҳои муосири ҷаҳонӣ ба нафъи стратегияи миллии кишварҳо хоҳад буд. Боз ҳам тақвият бахшидани робитаҳои намояндагони аҳли хунар, санъат ва адабиёти Тоҷикистон бо Ҳиндустону Покистон боиси таҳкими дӯстии халқҳои ин кишварҳо мегардад.

**Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ дар омилҳои зерин инъикос мегарданд:**

Муносибатҳои тоҷикон бо халқҳои Ҳиндустон таърихи кӯҳан дошта, ҳанӯз дар давраҳои қадим ва асрҳои миёна алоқаҳои фарҳангии онҳо ташаккул ёфтаанд. Забони форсӣ ва адабиёти аҷдодони мо дар Ҳиндустон васеъ паҳн гардида, дар муддати садсолаҳо забони расмии дарбор ва коргузории давлатӣ буд. Шарқшиноси англис К.Э. Босворт навиштааст, ки агарчи дар сари тахти ин давлат гоҳе турк ва гоҳе афғон ва гоҳи дигар ҳинду нишаста бошад ҳам, вале сохти давлатдории эшон ҳамеша форсӣ буд.

Ба андешаи Б. Ғафуров таърихи тоҷикон, мисли ҳамаи халқҳои Осиёи Миёна, бо таърихи бисёр халқҳои шарқ, қабл аз ҳама, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Эрон, кишварҳои араб ва як қатор давлатҳои дигар алоқаманд аст.

Бо мустамлика гаштани Ҳиндустон аз тарафи Британияи Кабир ва Осиёи Миёна аз тарафи Россияи подшоҳӣ муносибатҳо байни ин минтақаҳо коҳиш ёфтанд. Зеро онҳо таҳти асорати давлатҳои абарқудрат қарор дошта, мустақилона сиёсати хориҷиро пеш бурда наметавонистанд.

Дар даврони Шӯравӣ ҳамкориҳои тоҷикон бо халқҳои Ҳиндустон вусъати хосса касб кард. Вале баъди анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳон

Британия дар доираи манфиатҳои геополитикии худ ва талоши озодихоҳии мардум, Ҳиндустонро аз рўйи нишонаи динӣ тақсим кард. Дар натиҷаи сиёсати "тақсим куну ҳукм рон" дар ҳудуди нимҷазира ду давлат - Ҳиндустон ва Покистон (баъдан Бангладеш аз ҳайати Покистон ҷудо шуд) ташкил шуданд. Ин ҳолат ба наздикшавии мавқеи давлати Шўравӣ ба Ҳиндустон ва сардии нисбӣ бо Покистон (бинобар такяи ин давлат ба Иёлоти Муттаҳидаи Америка) гардид. Омили мазкур ба ҳамкориҳои халқи тоҷик ҳамчун қисмати Иттиҳоди Шўравӣ таъсири бевосита намуд. Бо пош хўрдани Иттиҳоди Шўравӣ ва соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳои шўравии собиқ дар сиёсати ҷаҳонии охири садаи XX тағйироти куллӣ ба амал омад.

Давраи нав дар таърихи муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991, яъне аз рўзи эълон гардидани истиқлолияти давлатӣ оғоз гардидааст. Аз ҳамон рўз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байналмилалӣ ба сифати иштирокчии мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамкориҳоро бо тамоми давлатҳои дунё аз рўйи усули "дарҳои кушод", сиёсати бисёрҷонибаи хориҷӣ, риояи муносибатҳои неку ҳасана, дахолат накардан ба корҳои дохилии дигар кишварҳо, ҳифзи манфиатҳои миллию давлатии худ ба роҳ мондааст. Баъди ба даст овардани истиқлолият, Тоҷикистон имкониятҳои мусоидро барои тавсеаи ҳамкориҳои манфиатбор, таъмини дурнамои муносибатҳо пайдо намуда, марҳилаи нави робитаҳои Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ оғоз гардид.

Аз 1 январи соли 1992 Ҷумҳурии Ҳиндустон истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф карда, 28 августи ҳамон сол байни кишварҳо муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардид. Байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон бошад, муносибатҳои дипломатӣ ҳанўз 6 июни соли 1992 барқарор гардида буд.

Тавре дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти нақшу таъсири

Ҷумҳурии Ҳиндустон дар минтақа ва ҷаҳон, равобити бисёрасраи таърихиву фарҳангии халқи тоҷик бо мардуми Ҳиндустон, инчунин имкониятҳои васеи иқтисодиву фановарии он, ҳамкориҳои гуногунҷанбаро бо ин кишвар густаришу таҳким хоҳад дод.

Инчунин муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Покистон дар қаринаи манфиатҳои мутақобила барқарор шуда, заминаи ҳамкориҳои ояндадори иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба миён омаданд, вале ин ҳамкорҳо дар охири асри XX бинобар ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва буҳрони иқтисодӣ равнақи зиёд наёфтанд. Новобаста аз ин, ҳамкориҳои кишварҳо дар самти дастарсӣ аз сулҳи тоҷикон ва музокираҳо хуб ҷараён дошта, даври сеюми гуфтушуниди байни тоҷикон дар шаҳри Исломобод гузашт. Инчунин дар тамоми раванди истиқлолият тобиши фарҳангии ҳамкориҳо намоён буд.

Дар оғози ҳазорсолаи нав ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон густариш ёфтанд, ки бо таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон ва эълон кардани сиёсати “дарҳои кушод” алоқаманд аст.

Ҳамин тариқ метавон ба хулосае омад, ки дар ҳамкорҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ имкониятҳои бузурги истифоданашуда вуҷуд доранд. Истифодаи самараноки онҳо метавонад ба ташаккули сатҳи нави ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ мусоидат намояд.

Дар кори таҳқиқотии Суфиев С.Н. нақши ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ дар наздикшавии мавқеи кишварҳо, таҳкими эътимод байни халқу миллатҳо ва заминаи тавсеаи ҳамкории гуногунҷабҳа гаштани он муайян гардидааст. Инчунин муҳақиқ дуруст нишон медиҳад, ки тавсеаи ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ аз моҳияти сиёсати дарҳои кушод ва зарурати рушди дипломатия фарҳангӣ бармеояд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ арзишҳои миллиро ҳифз намуда, имкони муаррифии миллати тоҷикро дар саҳнаи ҷаҳонӣ фароҳам меорад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар баррасӣ ва таҳлили илмии ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ (дар мисоли Ҳиндустон ва Покистон) дар соҳаи фарҳанг инъикос мешавад. Ба маънои васеъ, навгонии мазкур дар аввалин таҳқиқоти комплексии ҳамкориҳои фарҳангӣ бо кишварҳои Ҳиндустон ва Покистон дар замони муосир ифода гаштааст. Зеро маҳз истиқлолият заминаи роҳандозии ҳамкориҳои мутақобилаи кишварро бо давлатҳои дигари ҷомеаи ҷаҳонӣ дар заминаи принсипи баробарӣ ва дахолат накардан ба корҳои дохилии ҷомеа фароҳам овардааст.

**Асоси сарчашмавии таҳқиқотро** суханрониҳо, баромадҳо ва паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон, қонунҳо, консепсияҳо, эъломияҳо, протоколи вохуриҳои дуҷониба, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ, маълумотҳои расмии интишоршуда дар маҷмуаҳои махсуси сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои расмӣ, маводи бойгониҳои ҷорӣ ва рӯзномаҳои даврӣ ташкил медиҳанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он инъикос меёбанд, ки имконияти истифодаи натиҷаҳои он дар соҳаи илм ва фарҳанг, инчунин дар раванди таълими курсҳои «Омили фарҳангӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ» ва инчунин курсҳои махсус оид ба марҳалаҳои ташаккули ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ баромад менамоянд.

**Дар хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ** муҳаққиқ аз анҷоми корҳои иҷрошуда натиҷагирӣ карда, ба хулосае омадааст, ки ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон дар соҳаи илму фарҳанг таърихи қадима дошта, дар раванди он таъсири фарҳангу маънавиёти онҳо ба якдигар назаррас мебошад. Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Покистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон риштаҳои зиёди таърихию фарҳангӣ пайвастаанд ва дар замони соҳибистиқлолӣ сатҳи муносибату ҳамкориҳо ин наздикию алоқамандиҳоро бори дигар собит сохт. Бояд гуфт, ки бо

муътадил шудани вазъи Афғонистон ва амалӣ шудани баъзе лоиҳаҳои бузурги минтақавӣ сатҳи ҳамкориҳо бо ин ду кишвар хеле боло хоҳад рафт.

Бо дарназардошти ин, илму фарҳанг дар муносибатҳои Тоҷикистону Покистон на танҳо ҳамчун воситаи ҳамкорӣ, балки ҳифзи асолати таърихӣ ва муаррифии умумиятҳои тамаддунӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва шусташавии айнияти фарҳангӣ ба ҳисоб меравад.

Дар раванди барқарор кардани алоқаҳо ва инкишофи минбаъдаи ҳамкории олимони Тоҷикистон бо олимони Ҳиндустон дар дурнамо нақши академияҳои илмҳои кишварҳо муҳим мебошад. Ин марказҳои бузурги илмӣ-таҳқиқотӣ ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар бахшҳои гуногуни илмӣ, таҳияи лоиҳаҳои таҳқиқотӣ ва нусхабардории мероси гаронбаҳои форсӣ-тоҷикӣ аз бойгониҳои Ҳиндустон метавонанд чораҳои муассир андешанд.

Мавод ва усулҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодашуда ба ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мутобиқат менамоянд. Вобаста ба натиҷаҳои ба даст омада, истифодаи амалӣ ва тасдиқи расмӣ таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботҳои Оинномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои таҳияи диссертатсияҳои номзадӣ пешниҳод шудаанд, мутобиқат менамоянд.

Мақолаҳои нашршудаи муаллиф муҳтавоии асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд. Муҳтавои диссертатсия дар 6 мақолаи дар маҷалаҳои илмии тавсеашудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда, инъикос мегардад:

[1-М] Суфиев, С. Маданият ва сохтори сиёсии Ҳиндустони Қадим [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба номи С. Айнӣ. – 2018, № 1. (73). – С. 253-257.

[2-М] Суфиев, С. Вазъи сиёсиву адабии Ҳиндустон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба номи С. Айнӣ. – 2018, № 3. (75). – С. 270-272.

[3-М] Суфиев, С. Робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон дар даврони истиқлолият [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019, №1. – С. 132-136.

[4-М] Суфиев, С. Ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Покистон дар даврони истиқлолият [Матн] / С.Суфиев // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019, №10. – С. 92-97.

[5-М] Суфиев С. Аҳамияти Осиёи Марказӣ барои иқтисод ва сиёсати хориҷии Покистон [Матн] / С. Суфиев // Паёми донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон. – 2020, №2. (2). – С. 258-260.

[6-М] Суфиев С. Ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Ҳиндустон дар даврони истиқлолият [Матн] / С. Суфиев // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020, №4. – С. 123-129.

Бинобар ин диссертатсияи пешниҳодшудаи Суфиев С.Н. таҳқиқоти арзишманди илмӣ ва пурра анҷомёфта мебошад. Унвонҷӯ вазифаҳои гузошташударо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷро намудааст.

Диссертатсияи Суфиев С.Н. дар ҷаласаи муштараки №3 кафедраҳои муносибатҳои байналхалқӣ, дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ аз 06.10.2020 муҳокима гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Суфиев С.Н. дар мавзӯи: «Ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри XX ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) тавсия карда мешавад.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 24 октябри соли 2020 қабул шудааст.

Дар ҷаласа 11 нафар иштирок намуданд.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: «тарафдор» – 11 нафар; «бетараф» – нест, «зид» – нест.

Протоколи №2. аз 24 окябри соли 2020.

**професcори кафедраи**
**муносибатҳои байналхалқӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** **С.С. Фаттоҳзода**

**Имзои С.С. Фаттоҳзодаро тасдиқ менамоям.**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Э.Ш. Тавқиев**

04.12.2020

**Тасдиқ мекунам**
**Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор**
**______________ Миралилзода А.М.**
**«___» ____________ соли 2020**

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Диссертатсияи Суфиев Садриддин Насридинович дар мавзӯи «Ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри XX то ибтидои асри XXI)» дар кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Дар давраи таҳияи диссертатсия унвонҷӯ Суфиев С. Н. дар кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ ба ҳайси саромӯзгори кафедра фаъолият намудааст.

Суфиев С. Н. соли 2007 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси 02.07.00 – муаллими таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз санаи 18 августи соли 2020 таҳти №4034 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмии диссертант – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Нуриддинов Раймалӣ Шаҳбозович мебошад.

**Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаҳои зерин қабул гардиданд:**

Масъалаҳои рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикстон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон дар соҳаи фарҳанг дар ибтидои асри XXI мавриди омӯзиш қарор дода шуда, нақши омили фарҳангӣ дар маҷмӯи муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ва равандҳои ҳамгироии минтақавӣ баррасӣ гардидааст.

**Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ дар омилҳои зерин инъикос мегардад:**

Халқҳои Тоҷикистон ва Ҳиндустону Покистонро асрҳои аср урфу одатҳои миллӣ, дину ойин, қаробати забон, фарҳангу маданият бо ҳам наздик намуда, равобити мустаҳкаме миёни ин халқҳо ба миён омадааст. Муносибатҳои тоҷикон бо халқҳои Ҳиндустон таърихи куҳан дошта, ҳанӯз дар давраҳои қадим ва асрҳои миёна алоқаҳои фарҳангии онҳо ташаккул ёфтаанд.

Ба андешаи Б. Ғафуров, таърихи тоҷикон, мисли ҳамаи халқҳои Осиёи Марказӣ, бо таърихи бисёр халқҳои Шарқ, қабл аз ҳама, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Эрон, кишварҳои араб ва як қатор давлатҳои дигар алоқаманд аст.

Бо мустамлика гаштани Ҳиндустон аз тарафи Британияи Кабир ва Осиёи Марказӣ аз тарафи Россияи подшоҳӣ муносибатҳо байни ин минтақаҳо то андозае коҳиш ёфтанд. Зеро онҳо таҳти асорати давлатҳои абарқудрат қарор гирифта, мустақилона сиёсати хориҷиро пеш бурда наметавонистанд.

Дар даврони Шӯравӣ ҳамкориҳои тоҷикон бо халқҳои Ҳиндустон вусъати хосса касб кард. Вале баъди анҷоми Ҷанги Дуюми Ҷаҳон Британия дар доираи манфиатҳои геополитикии худ ва талоши озодихоҳии мардум, Ҳиндустонро аз рӯйи нишонаи динӣ тақсим кард. Дар натиҷаи сиёсати “тақсим куну ҳукм рон” дар ҳудуди нимҷазира ду давлат – Ҳиндустон ва Покистон (баъдан Бангладеш аз ҳайати Покистон ҷудо шуд) ташкил шуданд. Ин ҳолат ба наздикшавии мавқеи давлати Шӯравӣ ба Ҳиндустон ва сардии нисбӣ бо Покистон (бинобар такяи ин давлат ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико) гардид. Омили мазкур ба ҳамкориҳои халқи тоҷик ҳамчун қисмати Иттиҳоди

Шӯравӣ таъсири бевосита расонд. Бо пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳои шӯравии собиқ дар сиёсати ҷаҳонии охири садаи XX тағйироти куллӣ ба амал омад.

Давраи нав дар таърихи муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991, яъне аз рӯзи эълон гардидани Истиқлолияти давлатӣ оғоз гардидааст. Аз ҳамон рӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байналмилалӣ ба сифати иштирокчии мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамкориҳоро бо тамоми давлатҳои дунё аз рӯйи усули "дарҳои кушод", сиёсати бисёрҷонибаи хориҷӣ, риояи муносибатҳои неку ҳасана, дахолат накардан ба корҳои дохилии дигар кишварҳо, ҳифзи манфиатҳои миллию давлатии худ ба роҳ мондааст. Баъди ба даст овардани истиқлолият, Тоҷикистон имкониятҳои мусоидро барои тавсеаи ҳамкориҳои манфиатбор, таъмини дурнамои муносибатҳо пайдо намуда, марҳилаи нави робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ оғоз гардид.

Аз 1 январи соли 1992 Ҷумҳурии Ҳиндустон истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф карда, 28 августи ҳамон сол байни кишварҳо муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардид. Байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон бошад, муносибатҳои дипломатӣ ҳанӯз 6 июни соли 1992 барқарор гардида буд.

Тавре дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти нақшу таъсири Ҷумҳурии Ҳиндустон дар минтақа ва ҷаҳон, равобити бисёрасраи таърихиву фарҳангии халқи тоҷик бо мардуми Ҳиндустон, инчунин, имкониятҳои васеи иқтисодиву фановарии он, ҳамкориҳои гуногунҷанбаро бо ин кишвар густаришу таҳким хоҳад дод.

Инчунин, муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Покистон дар қаринаи манфиатҳои мутақобила барқарор шуда, заминаи ҳамкориҳои ояндадори иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба миён омаданд, вале ин ҳамкориҳо дар охири асри XX, бинобар ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва буҳрони иқтисодӣ, чандон равнақ наёфтанд. Новобаста аз ин, ҳамкориҳои

кишварҳо дар самти дастрасӣ ба сулҳи тоҷикон ва музокираҳо хуб ҷараён дошта, даври сеюми гуфтушуниди байни тоҷикон дар шаҳри Исломобод доир гардид. Инчунин, дар тамоми раванди истиқлолият тобиши фарҳангии ҳамкориҳо намоён буд.

Ҳамин тариқ , метавон ба хулосае омад, ки дар ҳамкорҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ имкониятҳои бузурги истифоданашуда вуҷуд доранд. Истифодаи самараноки онҳо метавонад ба ташаккули сатҳи нави ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ мусоидат намояд.

**Асоси методологии диссертатсия.** Пояи методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз назарияи муносибатҳои байналхалқӣ иборат мебошад. Дар рафти навиштани диссертатсия методҳои воқеият, таърихият ва системавӣ, таҳлил, тавсиф ва муқоиса истифода шудаанд.

Бо истифода аз усули муқоиса муаллиф давраҳои гуногун, сатҳ ва сифати ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон омӯхта, раванди онҳоро баҳо додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар баррасӣ ва таҳлили илмии ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ (дар мисоли Ҳиндустон ва Покистон) дар соҳаи фарҳанг инъикос мешавад. Ба маънои васеъ, навгонии мазкур дар аввалин таҳқиқоти комплексии ҳамкориҳои фарҳангӣ бо кишварҳои Ҳиндустон ва Покистон дар замони муосир ифода гаштааст. Зеро маҳз истиқлолият заминаи роҳандозии ҳамкориҳои мутақобилаи кишварро бо давлатҳои дигари ҷомеаи ҷаҳонӣ дар заминаи принсипи баробарӣ ва дахолат накардан ба корҳои дохилии ҷомеа фароҳам овардааст.

Диссертатсия дар асоси **сарчашмаҳои** мухталиф, аз қабили санадҳои расмӣ, созишномаҳои байнидавлатӣ, маводи бойгониҳо ва адабиёти ватаниву хориҷӣ таълиф гардидааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он инъикос меёбанд, ки имконияти истифодаи натиҷаҳои он дар соҳаи илм ва фарҳанг, инчунин, дар раванди таълими курсҳои «Омили фарҳангӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии

Тоҷикистон», «Ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ» ва инчунин, фаъолияти вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ ва сохторҳои марбутаи Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон ҷиҳати беҳтар намудани ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмӣ мавриди истифода қарор гиранд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми навиштани рисолаҳо бахшида ба ҳаёти фарҳангии халқҳои Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, маводҳои таълимию методӣ, курси лексияҳо оид ба таърихи ватанӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ истифода шаванд.

**Дар хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ** муҳаққиқ аз анҷоми корҳои иҷрошуда натиҷагирӣ карда, хулосаҳои таҳқиқот холигии мавҷударо дар самти ҳамкориҳои фарҳангии ҷумҳурӣ бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ комил месозанд. Дар таҳқ иқ иқ оти диссертатсионӣ таърихи мухтасари ташаккули ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии халқҳои Осиёи Ҷанубӣ, нақши тоҷикон дар пешрафти илму адаб дар Осиёи Ҷанубӣ, махсусияти ҳамкорӣ дар солҳои мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ ошкор карда шудааст. Ҳамзамон, нақши ҳамкории фарҳангӣ дар замони истиқлолият, марҳилаҳои ташаккули он, инкишофи самтҳои алоҳидаи ҳамкориҳо, вижагиҳо ва умумияти ҳамкории фраҳангӣ бо кишварҳои минтақа, таҳили сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба дар таҳқиқоти диссертатсионӣ инъикос гардидааст.

Мавод ва усулҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодашуда ба ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мутобиқат менамоянд. Вобаста ба натиҷаҳои ба даст омада, истифодаи амалӣ ва тасдиқи расмӣ, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Оинномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои таҳияи диссертатсияҳои номзадӣ пешниҳод шудаанд, мутобиқат менамоянд.

Мақолаҳои нашршудаи муаллиф муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд. Муҳтавои диссертатсия дар 6 мақолаи зерини нашршуда дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда инъикос гардидааст:

[1-М] Суфиев, С. Маданият ва сохтори сиёсии Ҳиндустони Қадим [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба номи С. Айнӣ. – 2018, № 1. (73). – С.253-257.

[2-М] Суфиев, С. Вазъи сиёсиву адабии Ҳиндустон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба номи С. Айнӣ. – 2018, № 3. (75). – С.270-272.

[3-М] Суфиев, С. Робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон дар даврони истиқлолият [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019, №1. – С.132-136.

[4-М] Суфиев, С. Ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Покистон дар даврони истиқлолият [Матн] / С.Суфиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019, №10. – С.92-97.

[5-М] Суфиев С. Аҳамияти Осиёи Марказӣ барои иқтисод ва сиёсати хориҷии Покистон [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон. – 2020, №2. (2). – С.258-260.

[6-М] Суфиев С. Ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Ҳиндустон дар даврони истиқлолият [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020, №4. – С.123-129.

Бинобар ин, диссертатсияи пешниҳодшудаи Суфиев С. Н. таҳқиқоти арзишманди илмӣ ва пурра анҷомёфта арзёбӣ гардида, унвонҷӯ вазифаҳои гузошташударо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷро намудааст.

Диссертатсияи Суфиев С. Н. дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ аз 28 августи соли 2020 муҳокима гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Суфиев С.Н. дар мавзӯи: «Ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри XX ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 –

таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) тавсия карда мешавад.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 28 августи соли 2020 қабул шудааст.

Дар ҷаласа 12 нафар иштирок намуданд.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: «тарафдор» – 12 нафар; «бетараф» – нест, «зид» – нест.

Протоколи № 1 аз 28 августи соли 2020.

Мудири кафедраи ҳуқуқ ва
муносибатҳои байналмилалӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент __________ Муродова Г. Р.

Имзои Муродова Гулчеҳра Рузибоевнаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ ______________ Амиров Ф. А.